## Суратмаҷлиси № 25

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-022

аз 04 марти соли 2021 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 21 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2021, № 11 тасдиқгардида, 19 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравандд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Муҳтарам аъзои Шӯро ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзои Шӯро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода шавад. Якдилона пешниҳод ҷонибдорӣ карда шуд.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Иваз намудани таърихи рӯзи ҳимоя ва иваз намудани муқарризи расмӣ ба диссертатсияи мудири кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсент Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович дар мавзӯи **“Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои “Шаҳриёр” ва “Набзи Файзобод”)** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10. – Рӯзноманигорӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси Шӯрои диссертатсионӣ, профессор Раҷабов Ҳ. баромад намуда, зикр карданд, ки муқарризи расмии диссертант – доктори илми филология Муллоев Ш. Б. ба ҳайси эксперти шӯрои самти илмҳои забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, рӯзноманигорӣ ва тарҷумонии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунад.

Тибқи муқаррароти Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) ва Низомномаи шӯрои экспертии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президети Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2017, №2/5) узви шӯрои экспертӣ наметавонад ба сифати муқарризи расмӣ баромад намояд.

Вобаста ба ин, аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар роҳ додан ба камбудии ҷиддӣ дар мавриди таъйини муқарризи расмӣ ба раис ва котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ огоҳӣ эълон шуда, дастур дода шудааст, ки диссертатсияи мудири кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсент Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович дар мавзӯи “Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои “Шаҳриёр” ва “Набзи Файзобод”) аз нав мавриди баррасӣ қарор дода шавад ва муқарризони расмӣ тибқи муқаррароти Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) таъйин карда шаванд.

Инчунин, эълони ҳимояи диссертатсия тибқи банди 41 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шавад.

**Қарор карда шуд:**

1. Таърихи рӯзи ҳимояи диссертатсияи Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович дар мавзӯи “Хусусиятҳои мундариҷавию

жанрии публитсистикаи бадеии матбуоти маҳаллии Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои “Шаҳриёр” ва “Набзи Файзобод”) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10. – Рӯзноманигорӣ аз 1 апрели соли 2021 ба 24 июни соли 2021 гузаронида шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

**Бобоҷониён Раъно** – доктори илми филология, узви Кумита оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Муминҷонов Зулфиддин** – доктори илми филология, профессор, декани факултети режиссура, кино, телевизиони Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»;

**Хоҷазод Саидмурод** – доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи КОА назди Президенти ҶТ ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** якдилона.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ.